# ТАҚРИЗ

ба рисолаи Бухориев Олим Салимович дар
мавзӯи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти
навиштори ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи номзади илми
филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ.

Яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ва фоклоршиносии тоҷик ин аз ҷиҳати назарӣ мавриди баррасӣ қарор додани жанрҳои мустақил мебошад. Аз чумла вижагиҳои дубайтӣ, ки марбути ҳам адабиёти навишторӣ ва ҳам адабиёти гуфторӣ аст, то ба имрӯз аз дидгоҳи комилан назарӣ, дар як рисолаи мустақил, мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Дар рисолаҳои то ба ҳол пажӯҳишгардидаи дубайтӣ баъзе нуктаҳои умумии вобаста ба ин жанр баррасӣ гардида, муҳаққиқон ба умқи масъала ворид нашудаанд.

Аммо дар рисолаи О. Бухориев ба таври муфассал аз решаҳои таърихии дубайтӣ, то ҷойгоҳи имрӯзи он дар ашъори шоирони муосири тоҷик ба таври муфассал маврди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ӯ кӯшиш намудаст, ки дар чор боб тамоми махсусиятҳои жанри дубайтиро таҳқиқ намояд.

Ҳамин аст, ки муаллифи рисола дар боби аввал оид ба «Таърихчаи пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули дубайтӣ» сухан ронда, бо пажӯҳандагони зиёд ба баҳси илмӣ мепардозад. Ҳамчунин ӯ оид ба иртиботи дубайтӣ бо баъзе анвои ашъори чинӣ ва дигар миллатҳои кишварҳои ҳамсоя; таъсир доштани онро бо тарона ва рубоӣ аз ҷиҳати назарӣ пажӯҳиш намуда вижагиҳои назарраси онро баррасӣ намудааст.

Ба монанди жанрҳои хурди адабиёт ва фолклор дубайтӣ низ мавзуъҳои зиёдеро дар бар мегирад. Муаллифи рисола дар боби дуюм бо мисолҳои зиёд роҷеъ ба шинохти мафҳум ва моҳияти мавзуъи ишқ

мисолҳои зиёд роҷеъ ба шинохти мафҳум ва моҳияти мавзуъи ишқ ҳамчун мавзуи меҳварии дубайтӣ сухан гуфта, зимнан оид ба мавзуъҳои ғарибӣ, ватандӯстӣ ва иҷтимоӣ низ ибрози назар намуда, дар рӯзгори моддӣ ва маънавии мардум ҳамеша ҳамдами мардум будани онро нишон додааст. Барои тасдиқи ҳар гуфтаи худ аз дубайтиҳои навишторӣ ва гуфторӣ мисолҳо оварда андешаи худро тақвият додааст.

Дар атрофи «Вижагиҳои сохтори дубайтӣ» дар байни пажӯҳандагон андешаҳои гуногун дида мешавад, ки О. Бухориев бори дигар нуктаҳои мубрами сохторӣ, авзон, қофия, радиф ва бо мусиқӣ иртиботи ногусастанӣ доштани онро нишон медиҳад. Гуфтаҳои худро дар асоси мисолҳо аз адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ тасдиқ менамояд.

Масъалаи «Вижагиҳои забон ва воситаҳои баёни дубайтӣ» солҳост, ки таваҷҷуҳи пажӯҳандагонро ба худ ҷалб намудааст. Муаллифи рисола дар боби чоруми кори худ ба забон ва сабки хос доштани дубайтӣ сухан гуфтааст. Зимнан дар рисола анвои зиёди воситаҳои тасвири бадеӣ, ки дар дубайтӣ ба назар мерасанд, бо далелҳо таҳқиқ шудааст, ки барои шинохти ин жанр арзишманд аст.

Як ҷиҳати назарраси пажӯҳиши О.Бухориев дар он аст, ки ӯ дар адабиёти муосири тоҷик нақши арзишманд пайдо намудани дубайтиро бо далелҳо тавзеҳ менамояд. Образҳои барҷастаи шоирони тоҷикро дар дубайтисароӣ пажӯҳиш намуда, бо адабиёти гуфторӣ иртиботи ногусатанӣ доштани сурудаҳои онҳоро нишон медиҳад.

Тавре ки аз истифодаи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои адабӣ, ки беш аз 200 номгӯйро ташкил медиҳанд, инчунин аз мулоҳизарониҳову муқоисаву таҳлилҳои илмии диссертант бармеояд, ӯ доир ба мавзуи интихобнамудааш маълумоти кофӣ дорад. Диссертант зимни таҳқиқи мавзуи ихтихобшуда аз усулҳои маъмули фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, пеш аз ҳама, методи муқоисавӣ-таърихӣ пурсамар истифода карда, кӯшиш

намудааст, ки ҷойгоҳи ин жанрро аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ дар байни жанрҳои дигари адабиёти гуфторӣ ва навиштторӣ нишон диҳад.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф ба таври муфассал натиҷагириҳо карда, арзиши таҳқиқу мубрамии мавзуи таҳқиқот ва моҳияти масъалаҳои асосии пажӯҳишро бо далелҳои мушаххас баён намудааст, ки онҳо барои дарки муфассали ин жанр, тафовути он аз жанри рубоӣ, тарона ва дигар пораҳои ашъори чормисраӣ муфид мебошанд.

Мавзуи рисолаи О.Бухориев **«Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ»** барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ ба тамоми қонун ва қоидаҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, барои дифоъ омода аст.


Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
пофессор Р.Қ.Раҳмонов
e-mail: rrahmon54@yahoo.com
тел: 919890208
Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17


Имзои Р.Қ.Раҳмоновро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

12.06.23